***ТДУ 4Т(075)***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-4-188-194***

***КОРКАРД ВА ТАФСИРИ МОДЕЛИ НАМУДҲОИ ТАЪЛИМ ВОБАСТА БА ПРИНСИПҲОИ ТАЪЛИМ***

***Назарова Муқаддас Султоновна**, муаллимаи кафедраи педагогикаи умумии МТД "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***РАЗРАБОТКА И ИНТЕРПРЕТАЦИЯ МОДЕЛЕЙ ВИДОВ ОБУЧЕНИЯ В ЗАВИСИМОСТИ ОТ ПРИНЦИПОВ ОБУЧЕНИЯ***

***Назарова Мукаддас Султоновна,** преподаватель кафедры общей педагогики ГОУ "ХГУ имени акад.Б. Гафурова", (Таджикистан, Худжанд)*

***THE WORKING OUT AND THE INTERPRETATIONOF MODEL FORMS OF TEACHING IN DEPENDENCE ON THE PRINCIPLES OF TEACHING***

***Nazarova Mukaddas Sultanovna**, lecturer of the department of general pedagogy, SEI "KSU named after acad.Bobojon Gafurov" (Tajikistan, Khujand),**E-mail:** dasik0530@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** таълим, принсипҳо, қоидаҳо, сифат, самаранокӣ, модели намудҳои таълим, натиҷаи таълим, риояи принсипҳои таълим, намудҳои таълим вобаста ба принсипҳои таълим, моҳият, мазмун ва мундариҷаи асосии принсипҳои таълим*

*Мақола ба баррасии масъалаи коркард ва тафсири модели намудҳои таълим вобаста ба принсипҳои таълим бахшида шудааст. Қайд мешавад, ки риояи қоидаҳои таълим дар нақшагирӣ, ташкил, гузаронидани санҷиш натиҷаҳои таълим барои ҳама субъектҳои таълим шарт ва зарур аст. Зеро риояи принсипҳои дидактикӣ ва методӣ ба сифат, маҳсулнокӣ ва натиҷаи ниҳоии таълим таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз таҳия ва тафсири модели намудҳои таълим вобаста ба принсипҳои таълим мубрамияти махсуси илмӣ – методиро касб менамояд. Ҳар як принсипи таълим зарурати дидактикии ин ё он намуди таълимро дар раванди таълим тақозо менамояд. Нишон дода шудааст, ки ҳама принсипҳои таълим, дар ягонагӣ, дар маҷмӯъ ва дар алоҳидагӣ ҳамчун маҷмӯаи қонунҳои дидактикӣ – методӣ ҷанбаҳои гуногуни сифати таълимро муайян менамояд ва зарурати дидактикӣ – методии истифодаи маҷмуаи намудҳои гуногуни таълимро вобаста ба ин ё он принсипҳои дидактикӣ тақозо менамояд. Хулоса мешавад, ки ҳамон таҷриба таҷрибаи пешқадами педагогӣ ҳисобида мешавад, ки дар он дар ташкил ва гузаронидани раванди таълим ҳадалимкон ҳамаи принсипҳои таълими намунавӣ мавриди риоя аз ҷониби субъектҳои таълим қарор дода мешавад.*

***Ключевые слова:** обучение, принципы, правила, качество, эффективность, модели видов обучения, результат обучения, виды обучения в зависимости от принципов обучения, сущность, основное содержание принципов обучения*

*В статье речь идёт о разработке и интерпретации модели видов обучения в зависимости от принципов обучения. Отмечается, что соблюдение правил обучения при планировании, организации, проведении урока, контроле результатов обучения объективно важно и необходимо для всех субъектов обучения, поскольку соблюдение дидактических и методических принципов влияет на качество, продуктивность и конечный результат процесса обучения.В связи с этим разработка и интерпретация моделей обучения в зависимости от принципов обучения приобретает особую научно-методическую актуальность. Каждый принцип обучения требует дидактическую необходимость использования того или иного вида обучения в процессе обучения. Показаны, что все принципы обучения в комплексе, в совокупности и в отдельности – как свод дидактико-методических правил определяют различные аспекты качества обучения и диктуют дидактико-методическую необходимость использования различных видов обучения. Делается вывод о том, что только тот педагогический опыт считается передовым педагогическим опытом, когда организация и проведение процесса обучения осуществлены по мере возможности с учётом соблюдения всех принципов обучения со стороны субъектов обучения.*

***Key words**: forms of the teaching, principles of the teaching, rules of the teaching, quality of the teaching ,effectiveness of the teaching, model of the forms of teaching, result of the teaching, observing the principles of the teaching, the essence and the content of the principles of the teaching, content of the teaching, process of the teaching*

*Observing the rules in the process of planning, organizing, leading, controlling the results of the teaching is objectively important and necessary for all subjects of the teaching. Since observing the didactic and the methodic principles influences the quality, productivity and the final result of the process of the teaching. In connection to this the working out and the interpretation of the models of the teaching in dependence to the principles of the teaching acquires a special scientific – methodic urgency. Each principle demands the didactic necessity of the using of this or that form of the teaching in the process of*

*the teaching. For example, the principle of the demonstration as an "golden" rule of the teaching was substantiated by the great Czech teacher, scientist Yan Amos Komensky, who recommends the using of the visual aids as the didactic – methodic necessity. All principle of the teaching as an complex, in totality and each separately – as an summary of didactic – methodic rules determines different aspects of the quality of teaching and dictates the didactic– methodic necessity of using different forms of teaching. That pedagogical experience is considered advanced experience, in which the organization and lending of the process of the teaching is realized as far as possible with accounting of the observing all principles of the teaching by the subjects of the teaching.*

Принсипҳои таълим – маҷмӯаи қоидаҳои ибтидоии таълим, ки ба саволҳои чиро бояд омӯзонанд ва чӣ тавр бояд омӯзонанд аз нуқтаи назари илмӣ - методӣ ҷавоб медиҳанд? Принсипҳои таълим аз ин лиҳоз мундариҷаи таълим ва раванди технологӣ - методии таълимро муайян менамоянд. Принсипҳои таълим шакли зуҳурёбии қонун ва қонуниятҳои раванди таълим буда, равиши онро ба инкишофи таълимгирандагон муайян менамоянд.

***<u>Муайян намудани намудҳои таълим вобаста ба принсипҳои таълим:</u>***

а) принсипи мувофиқатии таълим бо хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии таълимгирандагон – таълими синнусолӣ ва таълими фардӣ;

б) принсипи шуурнокӣ ва фаъолнокии эҷодӣ – таълими бошуурона;
таълими фаъолонаи эҷодӣ;

в) принсипи дастрасии таълим – таълими дастрас;

г) принсипи аёниятнокӣ – таълими аёнӣ;

д) принсипи маҳсулнокӣ ва мустаҳкамии таълим – таълими пурмаҳсул ва мустаҳкам;




***Расми № 1. «Намудҳои таълим вобаста ба гурӯҳи якуми принсипҳои таълим».***

Вобаста ба принсипҳои таълим ду намуди таълим: гурӯҳи якум – принсипҳое, ки мундариҷаи таълимро муайян менамоянд; гурӯҳи дуюм – принсипҳое, ки шакл ва методҳои таълимро муайян менамоянд. Ба гурӯҳи якум принсипҳо ва вобаста ба он намудҳои зерини таълим дохил

мешаванд: таълими шаҳрвандӣ, таълими илмӣ, таълими таҷрибавӣ - ҳаётӣ, таълими системанокӣ ва пай дар пай, таълими синнусолӣ, таълими фардӣ. Таълими шаҳрвандӣ дар шароити соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсуси илмӣ - методӣ касб менамояд. Дар шароити муосир аҳамияти он вобаста ба тағйирёбии мавқеи ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати эҳёи ҳисси ватандӯстӣ, ташаккули шуур ва фарҳанги миллӣ, ташаккули арзишҳои миллӣ дар ягонагӣ бо арзишҳои умумибашарӣ ва коркарди доктринаи таҳсилоти ватанӣ пурзӯр мегардад.Аз ин лиҳоз мундариҷаи маълумот бояд хусусияти миллӣ ва умумибашариро доро бошад, ки он барои ташаккули шахсияти нотакрори таълимгиранда, камолоти иҷтимоӣ ва ахлоқӣ руҳии ӯ шароити мусоид фароҳам оварад. Принсипи шаҳрвандии таълим ба қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ дар якҷоягӣ мавриди ҳаллу фасл мегардад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ аз як ҷониб, ва дар шароити истиқлолияти миллӣ аз ҷониби дигар дар мундариҷаи маълумот дар якҷоягӣ бояд, ки арзишҳои умумибашарӣ ва арзишҳои миллӣ таҷассум ёбанд. Зеро ҳар як халқу миллат дар оилаи байналмиллалӣ дар доираи алоқамандии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо дигар халқу миллатҳо дар асоси принсипҳои ҳамзистии осоишта зисту зиндагӣ менамояд. Аз ин лиҳоз дар раванди ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ аз як ҷониб, ташаккули муносибатҳои дӯстона, ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ бо дигар халқу миллатҳо аҳамияти махсуси илмӣ - методӣ зимни таълими шаҳрвандӣ касб менамояд.

Таълими илмӣ барои дар таълимгирандагон ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ равона карда шудааст. Мундариҷаи таълимии ҳар як фанни таълимӣ пеш аз ҳама ба дониш, маҳорат ва малакаҳои илмӣ такя менамояд. Нақш ва мақоми илм на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки боз аҳамияти амалиро низ доро мебошад. «Набояд фаромӯш кард, ки илм пеш аз ҳама воситаи ташаккули донишҳои илмӣ, манзараи илмии олам буд ва боқӣ хоҳад монд. Ҳастии илм худ ҳамчун институти махсуси иҷтимоӣ, нақши баланд гардидани мақоми он дар ҷомеа ниҳоят аз он сабаб вобаста аст, ки илм дар низоми тақсимоти меҳнатии иҷтимоӣ бояд вазифаи алоқаманд бо фаъолияти ташаккули донишҳои илмиро иҷро намояд, ки меъёрҳои муносибати маърифатиро нисбат ба ҳаёт муайян менамояд» [6, с.22].

Таълими илмӣ тақозо менамояд, ки дар толибилмон шавқу рағбат нисбат ба илм, нисбат ба илмомӯзӣ ташаккул дода шуда, ҳисси илмдӯстӣ дар онҳо рушд дода шавад. Онҳо бояд нақш ва мақоми илмро дар ҳаёти иҷтимоӣ ва дар ҳаёти ҳар як шахс дарк намоянд, моҳияти инқилоби илмӣ - техникиро сарфаҳм раванд, аз навгониҳои илмӣ дар соҳаҳои гуногуни илм бохабар бошанд. Барои ин ҳам дар макотиби олӣ ва ҳам дар макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ маҳфилҳои илмӣ, лабораторияҳои илмӣ, технопаркҳо, майдончаҳои таҷрибавӣ - озмоиширо ташкили намудан лозим аст. Шинос намудани толибилмон бо ҳаёт ва фаъолияти илмӣ - эҷодии олимони соҳаҳои гуногун барои дар руҳияи илмпарастӣ тарбия намудани насли наврас имкон медиҳад. Ташкил ва гузаронидани озмунҳо, олимпиадаҳо, мусобиқаҳо дар ин самт аҳамияти калони тарбиявиро молик мебошад. Ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои илмӣ доир ба гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ, навиштани мақолаҳо ва маърӯзаҳои илмӣ, маҳорату малакаҳои кор бо адабиёти илмӣ аз намунаҳои кор бо наврасон ва ҷавонон дар ин самт мебошад. Муносибати насли наврас, ҷавонон нисбат ба илму дониш яке аз муносибатҳои муҳим дар самти омодасозии онҳо ба ҳаёт ва ба меҳнат арзёбӣ мегардад.

Таълими таҷрибавӣ - ҳаётӣ аз риояи қоидаи алоқамандии назария бо амалия бармеояд. Илм бояд бо таҷриба алоқаманд бошад. Илм новобаста аз ҳаёт, новобаста аз таҷриба арзиши аслии худро гум менамояд. Таълимгирандагон ба ҳаёт ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ пухта тайёр шуда бошанд. Ҳамаи олимон, мутафаккирони бузург зимни ташкил ва гузаронидани пажӯҳиши худ ҳам ба ҷиҳати назариявӣ ва ҳам ба ҷиҳати амалии муаммои илмие, ки онро ҳаллу фасл менамуданд, эътибори баробар медоданд.

«Шайхурраис фалсафаро ба ду қисмати асосӣ тақсим мекунад: назарӣ ва амалӣ. Назариаш мофавқуттабиатро (он чиро, ки берун аз табиат аст), меомӯзад ва дарк мекунад; амалиаш масъалаҳои зиндагонии ситуда (шоиста)-ро таҳлил менамояд ва раҳнамоӣ сӯи хушбахтӣ» [5,с.126].

Толибилмонро ба ҳаёт, ба зиндагӣ новобаста аз ҳаёт, берун аз ҳаёт таълим додан мумкин нест. Ҳам илм ва ҳам таълим бояд ба манфиати инсоният хизмат намояд. Ҳам илм ва ҳам таълим ба инсон бояд роҳи зиндагиро нишон диҳад. Ҳар як фанни таълимӣ як роҳи зиндагиро доир ба ҳамин фан бояд ба таълимгиранда муаррифӣ намояд. Донишҳои табиӣ, яъне доир ба табиат на танҳо тавассути донишҳои илмӣ-назарӣ, балки тавассути муошират бо ашё ва ҳодисаҳои табиат, тавассути мушоҳида ва таҳлили ашё ва ҳодисаҳои табиӣ дарк карда шаванд.

Қонун ва қонуниятҳои пайдоиш ва инкишофи ашё ва ҳодисаҳои табиат тавассути таҷриба мавриди назар бояд гардад. Илм бидуни таҷриба, бидуни далелу исбот аҳамияти амалии худро гум менамояд.

Тарзи иҷрои ҳар як намуди фаъолият доир ба ҳар як намуди фан ҷанбаи назарӣ ва амалиро доро мебошанд, ки онҳо бояд аз ҷониби таълимгирандагон дарк карда шаванд.

***Таълими системанок ва пай дар пай.*** Дар шароити иттилоотонии раванди таълим ин намуди таълим низ аҳамияти махсуси илмӣ - методӣ касб менамояд.

Дониш, маҳорат ва амалакаҳо бояд системанок ва пай дар пай ҳам омӯзонида ва ҳам мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Танҳо дониш, маҳорат ва малакаҳои системанок ва пай дар пай таҳия гардида, равандҳои маърифатиро самаранок мегардонанд. Диққат, идрок, нутқ, хотира, тафаккур, хаёл ҳамон вақт пурмаҳсул, мустаҳкам баррасӣ мегарданд, ки агар мундариҷаи маълумот, мундариҷаи таълим системанок ва пай дар пай омӯзонида ва мавриди омӯзиш қарор гирифта бошанд.

***Таълими синнусолӣ ва таълими фардӣ.*** Дар коркарди принсипҳои таълим олимони машҳур Я.А.Коменский, А.Дистервег ва К.Д.Ушинский саҳми босазо гузоштаанд. Дар замони муосир дар инкишофи принсипҳои таълим ва вобаста ба он намудҳои гуногуни таълим олимон М.А.Данилов, Б.П.Есипов, М.Н.Скаткин ҳиссагузорӣ намудаанд. Алалхусус принсипи ҳамранги табиат ташкил намудани равандҳои тарбия, таълим ва инкишоф асоси методологии таҳқиқи равандҳои мазкурро ташкил медиҳад. Таҳқиқи табиати олами беруна, қонуну қонуниятҳои пайдоиш ва инкишофи предмет ва ҳодисаҳои олами беруна имкон медиҳад, ки муносибат ва муоширaт бо ин предмету ҳодисаҳо дар асоси нишондодҳои илмӣ роҳандозӣ карда шавад. Таҳқиқи табиати инсон, ба давраҳои синнусолӣ тақсим кардани он ва вобаста ба ин нишондодҳо роҳандозӣ намудани равандҳои таълим ва тарбия, ҳамчунини, ҳамчунин инкишоф имкон медиҳад, ки ин равандҳо самаранок ба роҳ монда шавад. Аз ин лиҳоз таълим, тарбия ва инкишофи шахс новобаста ба табиати ӯ, новобаста ба нишондодҳои синнусолии ӯ имконнопазир аст. Аз ин нуқтаи назар алоқамандии илми педагогика бо равоншиносии синнусолӣ дар ин самт бояд ба назари эътибор гирифта шавад. Воситаҳои педагогӣ -дидактикӣ вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ интихоб ва мавриди истифода қарор дода шавад. Аммо ин на танҳо ба интихоби воситаҳо, балки боз ба интихоби методҳо ва шаклҳои ташкили таълим, тарбия ва инкишоф низ дахлпазир аст. Дар доираи хусусиятҳои синнусолӣ хусусиятҳои фардиро низ фарқ ва мавриди назар намуд. Зеро ҳар як фард дорои хусусиятҳои равоншиносии нотакрор аст. Калиди таълим дар он аст, ки маҳз вобаста ба ин имкониятҳои зеҳнии таълимгиранда, раванди таълими фардиро самаранок ташкил намудан мумкин аст. Омӯзгор ба ин хусусиятҳои фардӣ дар раванди таълим такя менамояд.

***Муайян намудани намудҳои таълим вобаста ба принсипҳои таълим:***

а)принсипи шуурнокӣ ва фаъолнокии эҷодӣ – таълими бошуурона таълими фаъолонаи эҷодӣ;

б) принсипи дастрасии таълим – таълими дастрас;

в) принсипи аёниятнокӣ – таълими аёнӣ;

г) принсипи маҳсулнокӣ ва мустаҳкамии таълим – таълими пурмаҳсул ва мустаҳкам;

д) принсипи оптималӣ – таълими оптималӣ;




***Расми № 2. «Намудҳои таълим вобаста ба гурӯҳи дуюми принсипҳои таълим»***

***Таълими бошуурона.*** Тибқи ин қоида таълимгиранда дар раванди таълим бояд, ки ба маънои маводи таълимие, ки азхуд менамояд, сарфаҳм равад. Дар акси ҳол таълим характери бешуурона мегирад, ки онро Садриддин Айнӣ дар китоби худ «Мактаби кӯҳна» хеле моҳирона шарҳ додааст. «Алиф бо бе ҷабар-аб, ҷим бо дол забар ҷад-абҷад… гӯён дарсҳоеро, ки аз абҷад гирифта будам, аз ёд хонда додам.

- Ҳа… ту тӯтӣ! – гуфт падарам, - ту ҳар чизро мегӯӣ, аммо чӣ гуфтанатро намедонӣ. Он вақт дар дилам гузашт, ки бояд тӯтӣ як чизи бисёр баде бошад. Лекин сонитарҳо фаҳмидам, ки тӯтӣ як мурғи бисёр зебои зирак будааст. Ҳар чизро ба вай талқин кунанд, ёд мегирифтааст ва такрор карда мегуфтааст. Аммо азбаски вай одам нест, маъниашро намедонистааст. Бинобар ин касонеро, ки маънии чизеро надониста, онро ёд кардаанд, ба тӯтӣ монанд мекардаанд». Одам аз ҳайвон, аз ҷумла аз тӯтӣ бо он фарқ мекунад, ки ӯ ақл, тафаккур дорад.

Аз ин лиҳоз дар раванди азхудкунии маводи таълимӣ на танҳо нутқ ва хотира, балки боз тафаккур низ ширкат варзад, ки он барои ба маънии чизҳо сарфаҳм рафтан мусоидат менамояд. Барои ҳамин ҳам омӯзгор аз оғози таълим ба таълимгирандагон чунин шарти қонунии азхудкунӣ, омӯзиши маводи таълимиро бояд ёд диҳад, то ки онҳо маводи таълимиро тӯтивор, кӯр-кӯрона қориазёд накунанд. Қориазёдкунии маводи таълим имкон намедиҳад, ки дар оянда ин дониш, маҳорат, малакаҳо ва тарзи иҷрои ин ё он намуди фаъолият доир ба ин ё он фан дар ҳаёт, дар амал, дар раванди гузариш аз назария ба амалия, фаъолона ва эҷодкорона мавриди истифода қарор дода шавад. Ба масъалаи калимаю ибораҳо, ба мазмуни ҷумлаю матнҳо сарфаҳм рафтан асоси таълими бошууронаро ташкил медиҳад. Ҳар як фан дорои хусусиятҳои ба худ хоси дар амал риоя кардани таълими бошуурона мебошад, ки он технологияи махсуси дидактикии худро доро мебошад. Дар ин бобат таҷрибаи омӯзгор - навовар С.Н.Лисенковаро мисол овардан мумкин аст. «Ба ман фаъолгардонии омӯзиши бачагон тавассути идоракунии шарҳдиҳӣ, ҷалб намудани ҳар яки онҳо ба кор муяссар мегардад. Фаъолияти синфро дар дарс на танҳо омӯзгор, балки худи хонандагон низ роҳбарӣ менамоянд. Аввал хонандаи фаъол (баъд дигар хонандагон низ) ҳамаи он чизеро, ки аз рӯи вазифаи омӯзгор гузошта аз сараш то охираш мегӯяд, ва дигаронро аз паси худ мебарад» [3,с.79].

Тавассути гуфтан, шарҳдиҳӣ, фаҳмондадиҳии ҳар як қадами омӯзишӣ имкон медиҳад, ки хонанда дар раванди таълим бошуурона амал намояд.

С.Н.Лисенкова таъкид менамояд, ки чунин муносибати бошуурона бояд аз рӯзи аввали таҳсил ҷорӣ карда шавад. Дар чунин ҳолат хонанда имкон пайдо менамояд, ки ба маъно ва мазмуни маводи таълимӣ сарфаҳм равад. Ин ҳам дар азхудкунии дониш, ҳам маҳорату малака ва ҳам дар азхудкунии тарзи иҷрои ин ё он намуди фаъолият ба назар мерасад. Дар раванди таълим одатан ду намуди фаъолнокӣ ба назар мерасад. Якум, фаъолнокии репродуктивӣ, ки аз он таълими репродуктивӣ бармеояд ва дуюм фаъолнокии эҷодӣ, ки аз он таълими эҷодӣ бармеояд. Маҳз фаъолнокии эҷодӣ имкон медиҳад, ки таълимгиранда дониш, маҳорат, малака ва тарзи иҷро намудани ин ё он фаъолиятро дар амал эҷодкорона тадбиқ намояд. Фаъолнокии эҷодӣ бо фаъолнокии репродуктивӣ якҷоя мавриди баррасӣ қарор мегирад. Гузариш аз фаъолнокии репродуктивӣ ба фаъолнокии эҷодӣ дар раванди таълим зина ба зина ба вуқӯъ меояд. Аз ин лиҳоз таълими репродуктивӣ ва таълими эҷодӣ ба фаъолияти тафаккур ва хаёли таълимгирандагон алоқаманд мебошанд.

Таълими дастрас бо таълими синнусолӣ ва таълими фардӣ алоқаманд аст. Ҳамеша таълим бояд ба дараҷаи инкишофи равандҳои маърифатии таълимгирандагон мувофиқ буданаш лозим аст. Дар акси ҳол раванди таълим, раванди омӯзонидан ва омӯзиш ба вуқӯъ намеояд. Дар як давраи синнусолӣ таълим ба имкониятҳои зеҳнии таълимгирандагон мувофиқ буданаш лозим аст, зеро агар чунин набошад маводи таълимӣ аз ҷониби таълимгиранда қабул намегардад. Дар ҳар як давраи синнусолӣ, баъди кӯдакӣ таълимгиранда дорои дараҷаи муайяни на танҳо инкишоф, балки боз дараҷаи муайяни дониш, маҳорату малакаҳо, қобилияти иҷро карда тавонистани тарзи ин ё он намудҳои фаъолият буданаш лозим аст.

Аз ин лиҳоз раванди таълим дар асоси баҳисобгирии таҳкурсии инкишофи ақлӣ, захираи донишҳо, маҳорату малакаҳо, имкониятҳои иҷро карда тавонистани фаъолиятҳо таҳия ва роҳандозӣ карда мешавад. Аз ҷониби дигар ба ҳар як таълимгиранда дастрас будани воситаҳои таълим низ ба доираи масъалаҳои таълими дастрас дохил мешавад, ки он ҷанбаҳои ҳуқуқии таълимро дар бар мегирад.

**Сухан роҷеъ ба ҳуқуқи таълимгиранда ба таълими сифатан баланди ҷавобгӯ ба меъёрҳои стандартии илмию - методӣ.**

Ҳар як таълимгиранда бояд вобаста ба дараҷаи лаёқатмандии худ, вобаста ба осори қобилияти худ, вобаста ба шавқу рағбати худ таҳсилоти умумӣ ва касбиро дар намудҳои гуногуни мактабҳо, бо дарназардошти имкониятҳои иқтисодӣ интихоб намуданаш лозим аст. Дастрас намудани китобу дафтар ва дигар ашёҳои хониш барои ҳар як муҳассилин вазифаи аввалиндараҷаи падару модар мебошад, ки ин масъалаҳо низ ба доираи масъалаҳои таълими дастрас дохил мешавад. Маҳрум намудани бачагон аз гирифтани таҳсилот ин вайрон намудани яке аз ҳуқуқҳои асосии онҳо маҳсуб меёбад. Ин ҳуқуқи насли наврас аз ҷониби давлат ҳимоя карда мешавад.

***Истифодаи воситаҳои аёнии таълим*** дар раванди таълим яке аз қоидаҳои асосии илмӣ-методӣ маҳсуб меёбад. Алҳол дар шароити иттилоотонии раванди таълим технологияҳои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки дар раванди таълим аёниятҳои сифатан баланд мавриди истифода қарор дода шаванд, ки ин таълими аёниро боз ҳам самаранок мегардонад.

***Таълим ҳамчунин бояд пурмаҳсул, самаранок ва мустаҳкам*** буданаш аз лиҳози дидактикӣ ва равоншиносӣ шарт ва зарур аст. Зеро натиҷаи таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти касбии инсон ин аз дастовардҳое мебошад, ки онро инсон дар тӯли тамоми фаъолияти ҳаётии худ мавриди истифода қарор медиҳад. Таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти касбӣ, агар дорои сифати баланд бошад, танҳо дар ҳамин ҳолат онҳо метавонанд ба сифати ҳаётии шахс ва ҷомеа таъсири мусбӣ расонанд. Барои ҳамин ҳам таълими пурмаҳсул, самаранок ва мустаҳкам таҳкурсии сифати баланди таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти касбӣ мебошад.

Барои ин аз алоқамандии дохилифаннӣ ва алоқамандии байнифаннӣ, такрори муттасили дониш, маҳорат ва малакаҳои азхудкардашуда, иҷрои машқ, мисол, масъалаҳою корҳои лабораторӣ, корҳои хаттӣ, шифоҳӣ, корҳои санҷишӣ системанок ва пай дар пай мавриди истифода қарор гирифтанашон лозим аст. Таълими пурмаҳсул, самаранок ва мустаҳкам ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар таълим ба маънои васеаш бахудтаълимдиҳӣ, яъне худомӯзиро низ дарбар гирад. Зеро вақте ки таълимгиранда мустақилона он маводи таълимиро, ки омӯзгор манзури ӯ менамояд, инкишоф медиҳад, такрор менамояд, дар амал тадбиқ намояд,

роҳ ба сӯи пурмаҳсулӣ, самаранокӣ ва мустаҳкамӣ дар таълим кушода мегардад. Дар ин маврид нақш ва мақоми гузариш аз назария ба амалия, гузариш аз корҳои таълимӣ ба корҳои мустақилонаи таълимӣ, гузариш аз иҷрои мисолу масъалаҳо, машқу корҳои таълими репродуктивӣ ба корҳои таълими эҷодӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро ҳамаи онҳо гузариш ба таълими пурмаҳсул, самаранок ва мустаҳкам мебошанд.

Аз ҷониби педагоги машҳур Ю.К.Бабанский ***принсипи оптималии таълим*** коркард гардидааст, ки он барои истифодаи таълими оптималӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Дар ҳар як лаҳзаи дидактикӣ омӯзгор вобаста ба мақсад, вазифаҳои дидактикӣ, мундариҷаи таълим, маҷмӯи методҳои таълим, шакли муайяни ташкили таълимро бо дарназардошти имкониятҳои моддӣ - техникӣ, дидактикӣ - равоншиносӣ, гигиенӣ - ташкилӣ ва дигар хусусиятҳои таълимгирандагон ба назари эътибор гирифта интихоб ва мавриди истифода қарор доданаш лозим аст.

Ҳамаи намудҳои таълим вобаста ба принсипҳои таълим аз нуқтаи назари диалектикӣ, аз нуқтаи назари дидактикӣ - равоншиносӣ бо ҳам алоқаманд, аз ҳамдигар вобаста ва дар мавриди истифода ягонагии онҳо ба назари эътибори омӯзгор гирифта шуданаш шарт ва зарур аст. Ҳамаи ин истифодаи муносибати яклухт нисбати амалӣ намудани намудҳои гуногуни таълим вобаста ба принсипҳои гуногуни таълимро тақозо менамояд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Айнӣ, С. “Мактаби кӯҳна” Повест/С.Айнӣ.- Душанбе: Маориф, 1980-197с.
2. Краевский, В.В. Проблемы научного обоснования обучения//В.В.Краевский/ Методол.анализ) – М.: Педагогика, 1977. – 264с.
3. Педагогический поиск/ Сост. И.Н.Баксенова. – М.: Педагогика, 1988.-544с.
4. Подласый, И.П. Педагогика. Новый курс: учебн.для студ. высш.учебн.заведений: в 2 кн./И.П.Подласый.– М.:Гуманитар.из.центр ВЛАДОС, 2004. – Кн.1. Общие основы.Процесс обучения. – 574с.
5. Улугзода, С. Пири хакимони машрикзамин/С.Улугзода.-Душанбе:Маориф, 1980. – 197с.
6. Швирев,В.С. Научные познания как деятельность/В.С.Швирев. – М.:Политиздат; 1984. – 222с.


**REFERENCES:**


1. Ayni, S. “The old school” Story. – Dushanbe: Maorif, 1980.-197p.
2. Kraevsky, V.V. The problems of the scientific substantiation of the teaching (Methodological analysis). – M.: Pedagogica, 1977.-264p.
3. The pedagogical reconnaissance / Compiler I.N. Bazhenova – M.: Pedagogica, 1968.-544p.
4. Podlaciy, I.P. Pedagogics The new cources: the textbook for the stud. of the high school: 2 books. – M.: Humanitary publishing center VLADOS, 2004.-Book 1. The total base. The process of the teaching. -574p.
5. Ulugzoda S. The elder teacher of the East’s philosophers. – Dushanbe: Maorif, 1980.-197p.
6. Shvirev,V.S. The scientific cognition as an activity–M.: Politizdat,1984.-232p.